# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи номзадии Бобоева Зарнигор Тоҳировна дар мавзуи «Асосҳои методӣ ва ҷанбаҳои амалии муносибати босалоҳият ба таълими ҳаёт ва эҷодиёти Абдураҳмони Ҷомӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми педагогика аз рӯи ихтисоси 13.00.02.04 - Назария ва методикаи таълими фанҳои гуманитарӣ (таҳсилоти миёнаи умумӣ) – Душанбе, 2024. – 56 саҳ.**

Баланд бардоштани сатҳи сифати таълим аз муҳимтарин масъалаҳои соҳаи маориф буда, на танҳо диққати кормандони ин соҳа, балки таваҷҷуҳи роҳбарияти олии кишварро ба худ ҷалб намуддааст. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат- Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳанӯз соли 2010 дар як суханрониии худ таъкид карда буданд, ки “*ҳадафи стратегии мо рушди соҳаи маориф мебошад*”. Сифати таълими ҳар як фан ба коркарди методикаи босамар ва ҷавобгӯ ба талаботи замони он вобаста аст.

Мавзуи мавриди таҳқиқи Бобоева Зарнигор Тоҳировна “Асосҳои методӣ ва ҷанбаҳои амалии муносибати босалоҳият ба таълими ҳаёт ва эҷодиёти Абдураҳмони Ҷомӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ” ба «Самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025» , ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми сентябри соли 2020, №503 тасдиқ шудааст, комилан мутобиқат дорад. Диссертант зарурати таҳқиқи мавзуъро бо далелҳои илмӣ собит намудааст: “Барои ҷавобгӯ будан ба талаботи замон ва дар амал татбиқ намудани дастуру супоришҳои Пешвои миллат Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон (ВМИ ҶТ) дар иҷрои ин ҳадафи муҳими стратегӣ дар доираи “Барномаи ҳамкории глобалӣ дар соҳаи маориф” ҷорӣ намудани муносибати босалоҳият (МБ)-ро дар низоми таҳсилоти Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ намуда истодааст, ки фанни адабиёт низ монанди дигар фанҳои таълимӣ бояд вобаста ба ин талабот таҳқиқ шавад.

Сохтор ва ҳаҷми автореферати диссертатсия ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ созгор буда, матни тоҷикӣ ва нусхаи русии он 56

саҳифаи чопиро ташкил додааст. Лозим ба ёдоварист, ки унвонҷӯ бо истифода аз технологияҳои навини таълим, бо нишон додани натиҷаҳои босамари ба илм асосёфта ва дар таҷриба аз озмоиш гузашта мавзуъро мавриди таҳқиқ қарор додааст. Воқеан, ин таҳқиқоти З. Бобоева таҳқиқоти нахустин дар соҳаи методикаи таълими адабиёти тоҷик дар даврони Истиқлол мебошад. Гарчанде дар мавриди таълими фанҳои гуногун дар шароити муносибати босалоҳият мақолоти муаддаде ба нашр расида бошанд ҳам, аммо дар мавриди таълими адабиёти тоҷик вобаста ба талаботи муносибати босалоҳият камтар сурат гирифтааст. Мавзуи таҳқиқи Бобоева З.Т. нахустин таҳқиқот дар таълими адабиёти тоҷик вобаста ба талаботи мунсосибати босалоҳият дар замони Истиқлоли Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Бояд зикр кард, ки татбиқи муносибати босалоҳият, ки имрӯз яке аз ҳадафҳои асосии Вазорати маорифи ва илми ҶТ мебошад, бори аввал аз тарафи унвонҷӯ Зарнигор Бобоева дар мисоли омӯзиши рӯзгор ва осори Абдураҳмони Ҷомӣ хеле дақиқ ва бо хулосаҳои илман ва амалан аз озмоиши педагогӣ гузашта ироа шудааст. Яке аз муҳимтарин дастовардҳои унвонҷӯ он аст, ки дар методикаи таълими адабиёти тоҷик гузаштан ба консепсияи дониш, таҷриба, малакаро дар заминаи таълими ҳаёт ва эҷодиёти Абдураҳмони Ҷомӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқ намуда, афзалияти онро аз модули дониш, малака, маҳорат бо такя ба натиҷаҳои аз озмоишҳои педагогӣ ҳосил шуда мушаххас намудааст. Унвонҷӯ З. Бобоева бори аввал дар педагогика ва методикаи таълими адабиёти тоҷик нақши тахнологиҳои таълим, аз ҷумла ҳамрадифшавии усулҳои таълим дар шаклгирии салоҳиятҳо, корбурди босамари методҳои интерактивии таълимро дар заминаи таълими ҳаёт ва эҷодиёти Абдураҳмони Ҷомӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ пешниҳод кардааст.

Дар автореферати диссертатсия хулосаи таҳқиқи мавзуъ ба таври фишурда ва ихчам дар даҳ қисм омада, ки арзиши баланд илмӣ ва методӣ доранд. Ин хулосаҳои диссертантро ҳангоми таълими ҳаёт ва

эҷодиёти суханварони дигари адабиёти форсӣ-тоҷикӣ истифода бурдан мумкин аст. Тавсияҳои методӣ, ки унвонҷӯ дар мавриди истифодаи амалии натиҷаҳои аз таҳқиқи мавзуъ бадастомада дар автореферат овардааст, пояи баланди илмию методӣ дошта, дар амал татбиқ намудани онҳо метавонанд дар ташаккули салоҳиятҳои хонандагон ва боло бурдани сифати таълими адабиёти тоҷик мусоидат намояд.

Хулоса, автореферати диссертатсияи Бобоева Зарнигор Тоҳировна дар мавзуи "Асосҳои методӣ ва ҷанбаҳои амалии муносибати босалоҳият ба таълими ҳаёт ва эҷодиёти Абдураҳмони Ҷомӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ" як кори илмии анҷомёфта буда, ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267) комилан ҷавобгӯст ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илми педагогика аз рӯйи ихтисоси 13. 00.02.04 – назария ва методикаи таълими фанҳои гуманитарӣ (таҳсилоти миёнаи умумӣ) мебошад.

Директори Муассисаи давлатии буҷетии таҳсилоти миёнаи
умумии Россия-Тоҷикистон "Мактаби миёнаи
умумӣ бо омӯзиши амиқи фанҳои алоҳида дар шаҳри
Хуҷанд ба номи А.П.Чехов",
д.и.п., профессор Ходжаева Мубина Джалоловна

Имзои М. Ходжаеваро тасдиқ мекунам:
Мутахассис оид ба кадрҳои МДБТМУ Россия-Тоҷикистон
"ММУ бо омӯзиши амиқи фанҳои алоҳида дар шаҳри
Хуҷанд ба номи А.П. Чехов" Норматова М.А.
« » апрели соли 2024

Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Суғд, шаҳри Хуҷанд, маҳаллаи Темурмалик, микроноҳияи 8, бинои 31.
Тел.: +(83422) 5-88-55
E-mail: rtsosh-khujand@mail.ru